ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Каримзода Аҳлиддин Назир дар мавзуи «Ташаккули тафакури системавии омӯзгорони ояндаи физика зимни моделронии виртуалии гузаронидани корҳои озмоишӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9.3. Назария ва технологияи таълими физика пешниҳод шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ: Илмҳои табиатшиносӣ шакли махсуси пешрафти иқтисодиёт буда, қисми асосии маданияти инсоният ба ҳисоб рафта, омӯхтану пайгирии он вазифаи муҳимми тайёр намудани мутахассисони варзида мебошад. Барои ҳамин моро лозим аст, ки ба омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ машғул шавем. Бо дарки масъулияти баланди инсонӣ бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ дар соҳаи илму маориф” эълон шудааст, ки ин иқдом барои пешравии соҳаҳои техника ва технология дар мамлакат хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Каримзода Аҳлиддин Назир (Раҳимов Аҳлиддин Назирович) соли 2007 ба факултети физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ихтисоси мошинҳои ҳисоббарор, системаҳо ва шабакаҳо дохил шуда, онро соли 2012 бо дипломи хубу аъло хатм намудааст.

Каримзода А.Н. фаъолияти омӯзгориро дар Донишгоҳи давлатии Данғара аз соли 2013 ба ҳайси омӯзгори фанни технологияи информатсионӣ оғоз намуда, айни замон дар кафедраи информатика ва технологияҳои рақамии Донишгоҳи давлатии Данғара кор карда истодааст. Ӯ аз соли 2013 дар баробари фаъолияти педагогӣ дар вазифаҳои сардори маркази иттилоотию таҳлилӣ (солҳои 2014-2016), муҳосиби музди маош (солҳои 2016-2021), муовини сардори раёсати идораи фаъолияти молиявӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ (солҳои 2021-2023), сардори раёсати равобити хориҷӣ, идораи лоиҳаҳои байналхалқӣ (соли 2023), муовини сардори раёсати молия ва муҳосибот (соли 2024), сардори маркази тестӣ ва бақайдгӣ (2024) ва аз моҳи августи соли 2025 дар вазифаи сардори раёсати молия ва муҳосибот дар Донишгоҳи давлатии Данғара кору фаъолият карда истодааст.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, 3 боб, 15 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардидааст ва

объект, мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия ба мавзуи **«Асосҳои илмию назариявии ташаккули тафаккури систематикии омӯзгорони ояндаи фанни физика дар шароити моделсозии виртуалии корҳои таҷрибавӣ»** бахшида шуда, ба таҳлили масъалаи ташаккули тафаккури систематикии омӯзгорони ояндаи фани физика дар шароити моделсозии виртуалии корҳои таҷрибавӣ дар раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ бахшида шудааст. Ҷанбаҳои таърихии рушди технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи маориф, равишҳои муосири татбиқи онҳо омӯхта шуда, асосҳои психологию педагогии таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ таҳлил карда мешаванд.

Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар соҳаи маориф ба фаъолияти омӯзгорӣ оид ба истифодаи технологияҳои компютерӣ таъсири калон мерасонад. Тайёр кардани мутахассисони ботаҷриба яке аз ҳадафҳои асосии таҳсилоти олии муосир мебошад. Барои дар сатҳи зарурӣ баланд бардоштани сифати таҳсилот, бояд самаранокии кори омӯзгорон ва дар баробари ин сифати таълимро ба таври назаррас баланд бардоштан зарур мебошад.

Дар боби дуюми рисола, ки ба **“Иҷрои корҳои озмоишии виртуалӣ аз қисмҳои физика”** бахшида шудааст. Ташкил намудани корҳои озмоишии виртуалӣ (КОВ) дар раванди таълим бешубҳа як равиши инноватсионӣ мебошад. Барои гурӯҳҳои алоҳидаи донишҷӯён чунин корҳо барои аз худ намудани маводи таълимӣ хеле муфид ва самаранок буда метавонанд. Ба инҳо, аз ҷумла, донишҷӯёни маъюб, ҳамчунин, донишҷӯёне, ки таҳсилоти фосилавӣ мегиранд, дохил мешаванд.

Дар дисертатсия истифода намудани модели компютерии озмоишгоҳи виртуалӣ дар мавзуи “Омӯзиши лаппишҳои озоди хомӯшшаванда ва маҷбурии рақосаки пружинӣ” аз фани физика ва дигар корҳои озмоишӣ аз қисмҳои физика дида баромада шудааст. Муаллифи диссертатсия дар ин қисмат ба мушкилоти таълими фанни физика дар равияҳои илмҳои табиӣ ва техникӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фикрҳои худро дарҷ намудааст.

Ба таври таҷрибавӣ муайян кардани даври лаппиш ва басомади лаппишҳои хомӯшшаванда ва вобастагии онҳо аз коэфитсиенти чандирӣ ва коэфитсиенти хомӯшшавии муҳитҳои гуногун дида баромада шудааст. Ғайр аз ин дар кори мазкур хусусиятҳои муҳитҳои гуногун, ки дар онҳо

қуввахои чандирӣ амал мекунанд, дида баромада мешавад. Ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои озмоишӣ назарияи кори озмоишӣ дар амал татбиқ карда мешавад. Ҳангоми ченкунии физикӣ, коркарду пешниҳоди натиҷаҳо, маҳорату малака амалан ташаккул меёбанд. Дар машғулиятҳои семинарӣ байни донишҷӯён суҳбат гузаронида шуда, вазифаҳои дар назди онҳо гузошташуда ба пураги ҳал мегарданд.

Боби сеюми рисола ба масъалаи татбиқи **"Моделҳои таълимӣ-тарбиявии ғанисозии зеҳнӣ ва эҷодии омӯзгорони оянда зимни моделронии виртуалии гузаронидани корҳои озмоишӣ"** бахшида шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот ба доираи васеи мутахассисони соҳаи маориф: муаллимони мактабҳои миёна ва литсейҳо, ҳамчунин, донишҷӯёни омӯзишгоҳҳои педагогӣ ва донишкадаҳои олӣ мароқ зоҳир менамоянд.

Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим яке аз вазифаҳои асосии низоми муосири муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки донишҳои назариявиро амиқтар кунанд ва ба донишҷӯён равандҳо ва ҳодисаҳои физикии муайянро омӯзанд, ки бидуни моделҳои интерактивӣ барои омӯзиш дастнорасанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз истифодаи моделронии компютерӣ дар раванди таълими физика ба навсозии тарбияи хонандагон ва донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии кишвар равона шудааст, ки барои амалӣ гардондани шавқу ҳавас ва кобилияти эҷодии хонандагон ва донишҷӯён, умуман насли наврас бисёр созгор аст.

Аҳаммияти масъалаи гузошташударо номутобиқати афзояндаи пайдоиши тахтаҳои интерактивӣ дар муассисаҳои мактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, аз як тараф ва таҳияи нокифояи методикаи истифодаи тахтаҳои интерактивии иттилоотӣ компютерӣ дар раванди таълим муайян мекунад. Зеро омӯзгорон ба истифодаи доимӣ аз озмоишгоҳи виртуалӣ ва тахтаҳои интерактивӣ дар раванди таълим на ҳамеша омодаанд. Бинобар ин, донистани технологияи компютерӣ ва усулҳои кор бо он муҳим мебошад.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро назария ва методикаи таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, муносибати технологӣ ба раванди таълим; назарияи алоқамандии байнифаннӣ, назарияи таълими корҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ, назарияи инкишофи тафаккури эҷодӣ ташкил додаанд.

Ба ғайр аз ин, навгонии дисертатсияи мазкур дар асоси бандҳои зерин нақшабандӣ гардидааст:

- Бо дарназардошти таҳлили асарҳои олимон оид ба масъалаҳои гуногуни ташаккули шахсият бо фарзияи тарҳрезии педагогии донишҳои ташаккулёфта ва мувофиқати онҳо ба талаботи системавии корфармоён, вазифаҳои илмӣ-назариявӣ ва рушди касбии мутахассисон дар ташаккули дониши муосири донишҷӯён ва хонандагон ба миён гузошта шудаанд;
- Модели тадриҷан ба раванди таълим ҷорӣ намудани технологияи компютерӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳаҳои гуногуни тайёр кардани мутахассисон ва хусусиятҳои муассисаҳои таълимии минтақавӣ таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст;
- Шароити педагогӣ, ки барои истифодаи самараноки технологияҳои компютерӣ дар таълим мусоидат мекунанд, аз қабили баланд бардоштани тахассуси омӯзгорон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, таъмини дастрасӣ ба захираҳои муосири иттилоотӣ, фароҳам овардани муҳити интерактивии таълимӣ ва рушди саводнокии рақамӣ дар байни хонандагону донишҷӯён муайян карда шудаанд;

Эътимоднокии муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ, ки дар диссертатсия баён шудаанд, бо методологияи равиши системавӣ созгор буда, консепсияи илмии тайёрии касбӣ, такя ба усулҳои тадқиқоти назариявӣ ва эмпирикӣ, таҳлили шароити кори таҷрибавӣ, тасдиқи муқаррароти дар фарзия ба миён гузошташуда, инчунин таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун омӯзгор дар Донишгоҳи давлатии Данғара ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ташкил намудани корҳои озмоишӣ бо усули моделронии виртуалӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда, хусусиятҳои фаъолнокии донишҷӯёнро баҳогзорӣ намудааст.

Маводи таҳқиқотии Каримзода А.Н. дар конфронсҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин дар семинарҳову ҳамоишҳои илмӣ дар шаҳрҳои гуногуни кишвар ва берун аз он татбиқи худро ёфтаанд. Раванди санҷиш ва татбиқи натиҷаҳои дисертатсионии муаллиф ва интишороти мутааддади ӯ ба ғайр аз маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар дастурҳои таълимиаш васеъ баён гардидаанд.

Чанд сухан дар бораи шахсияти диссертант. Каримзода Аҳлиддин Назир ҳамчун донишманди соҳаи физика (физикаи таҷрибавӣ) ва технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионнӣ (ТИК) ҳамчун муҳаққиқи дар сатҳи баланд ташаккулёфта шинохта шудааст.

Дар бораи кори диссертатсионии ӯ, ки дар сатҳи баланди илмӣ таълиф гардида, натиҷааш солиёни зиёд дар факултетҳои физикаю

табиатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Данғара ба таври васеъ татбиқи худро ёфтаанд, бояд гуфт, ки дар ҳамаи фаслҳои он натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф бо мисолу хулосаҳои мувофиқ дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ таҳқиқ ва таҳлил гардида, хулосаҳои ӯ ва тавсияҳоаш барои татбиқ ва такмили методикаи таълими физика комилан дурустанд.

Хулоса, диссертатсияи Каримзода Аҳлиддин Назир дар мавзуи «Ташаккули тафакури системавии омӯзгорони ояндаи физика зимни моделронии виртуалии гузаронидани корҳои озмоишӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгу буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.9.3. - Назария ва технологияи таълими физика барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи физика
ва географияи Донишгоҳи давлатии Данғара Олимӣ А.Р
12.12.2025

Суроғаи: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Данғара, кӯчаи Марказӣ 34, ҳуҷраи 7.
Телефон: (+992) 555050924.
E-mail: olimov_19641@mail.ru

Имзои Олимӣ А.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Данғара, кӯчаи Марказӣ 25,
Телефон: (+992) (83312) 2-28-06
E-mail: dddangara_2013@mail.ru
«18» 11 соли 2025